# ТАҚРИЗ

ба автореферати *Абдуғафури Сафар* дар мавзӯи "*Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (lamiaceae Mart.) қисмати Ҷанубии қаторкӯҳи Хисор*" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 -Ботаника

Ҳудуди Тоҷикистон яке аз марказҳои ҷаҳонии навъбандии организмҳои зинда буда, дар ҳифзи гуногунии биологии ҷаҳон нақши муҳим мебозад. Дар айни замон дар шароити гузаштани иктисодиёт ба муносибатхои бозорӣ ҷалб намудани қисмҳои гуногунии биологии нотакрору нозуки кишвар ба муомилоти иқтисодӣ зиёд шуда, хавфи вайроншавии мувозинати онро ба миён меорад.

Мушкилот ва Стратегияи ҳифзи гуногунии биологӣ дар ин шароит дар байни дигар нақшаҳои ҷумҳурӣ авлавиятноктарин мебошанд. Стратегия ва Нақшаи чорабиниҳои миллӣ оид ба ҳифз ва истифодаи оқилонаи гуногунии биологӣ, ки мутобиқи сиёсати давлатии экологӣ таҳия гардидаанд, ба рушди устувори экологии кишвар мусоидат мекунанд. Онҳо ба кабули қарорҳои мутобикшудаи истифодаи захираҳои биологӣ нигаронида шуда, ба мутобиқ ва ба ҳам наздик шудани ақидаҳои олимон, тадқиқоти илмӣ ва директиваҳои Ҳукумат ва дар маҳалҳо татбиқ намудани онҳо мусоидат мекунанд.

Бо ин мақсад барои тавсифи муфассали ҳар як минтақа ва ё ин ки мамлакат нақши маъумотҳои фитосенологии намудҳои алоҳида ниҳоят муҳим аст, зеро дар сурати надоштани чунин маълумотҳо иҷрошиш нақшаи комплексии тараққиёт ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ номумкин мегардад.

Рисолаи илмии *Абдуғафури Сафар* натиҷаи таҳқиқоти чандинсоларо дар бар гирифта, ба арзёбии гуногунии биологии таркиби оилаи лабгулҳо – Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бахшида шудааст.

Муаллиф бори нахуст гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум намуд, ки дар *қисмати Ҷанубии қаторкӯҳи Хисор* 33 авлод ва 74 намуди оилаи лабгулҳо дучор мешаванд, ки аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ мебошанд ва 2 намудаш ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид шудааст.

Инчунин дар раванди таҳқиқот бори аввал минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян карда шуда дар асоси онҳо харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шуданд. Дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои оила: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Juz, *Nepeta catarica* Juz., *Salvia sclarea* L. омӯхта шуданд.

Саҳми довталаб дар он зуҳур меёбад, ки марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзӯъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳамиятнокии онҳо бо иштироки бевоситаи унвонҷӯй тахия намуда арзёбии гуногунии биологии таркиби оилаи лабгулҳоро дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян намудаст.

Аҳамияти илмию амалии таҳқиқот дар он асос меёбанд, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми омӯзиши оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Таҳлили хусусиятҳои фитосенологии *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Nepeta catarica* L., *Salvia sclarea* L. имкон медиҳанд, ки дар оянда онҳоро ҳамчун намудҳои нафъовар барои истифода дар соҳаи тиб тавсия дода шаванд. Маълумотҳои бадастомада оид ба ҳосилнокии захираҳо сенопопулятсияҳои намудҳои *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Nepeta catarica* L., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Salvia sclarea* L. дар мавзеъҳои паҳншавии табиии онҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии табиии онҳо талаботи саноати фармокологии Тоҷикистонро танҳо 35% таъмин менамояд. Натиҷаҳои тахқиқоти илмӣ оид ба тавсифи гуногунии биологии лабгулҳо барои дар мактабҳои олӣ дар тайёр кардани курсҳои лексионӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанҳои, систематикаи растаниҳо, захирашиносӣ, инчунин семинарҳои калон аз ихтисоси ботаника ва дендрология тавсия карда мешаванд.

Диссертатсия дар 178 саҳифаи матни компютерӣ иншо гардида он аз муқаддима, 5 боб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 8 маводи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, дар конфренсияҳо ва симпозиумҳои гуногун муҳокима гардида натиҷаҳои кори дисертатсионӣ дар 2 корхона истифода шудааст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи *Абдуғафури Сафар* дар мавзӯи "*Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (lamiaceae Mart.) қисмати Ҷанубии қаторкӯҳи Хисор*" дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида. ба талаботҳои Банди 1, 4, 6 ва 10-и шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумурии Тоҷикстон аз рӯи ихтисоси 03.02.01- Ботаника мувофиқат ва ҷавобгӯй буда муаллифи он - *Абдуғафури Сафар* сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 -Ботаника, мебошад.

Доктори илмҳои биологӣ (аз рӯйи ихтисоси

03.02.01 -Ботаника), профессор,

профессори кафедраи география ва сайёҳии

факултети биологияи Донишгоҳи

давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Мамадризохонов А.А

Имзои Мамадризохонов А.А.-ро

тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои

махсуси ДДХ ба номи М.Назаршоев Н. С. Саидрахмонов

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ба номи М.НАЗАРШОЕВ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА КОРҲОИ МАХСУС

736000, ш. Хоруг, к. Ш.Шотемуров 109,

Тел.:+ (992) 93 598 45-63,

akbar63@mail.ru

15.05.2024